**ХУЛОСАИ**

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷииТоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода барои дарёфти илми дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)

**Парвандаи аттестатсионии №____**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 09.03.2024, №5**

Дар бораи сазовор донистани **Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна**, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)

Диссертатсияи **Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна дар мавзуи «Вижагиҳои тарҷумаи соматизмҳо дар матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6: фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2023, тахти № 18/шд тамдидшуда) аз 30-юми декабри соли 2023, суратмаҷлиси № 33 ба ҳимоя қабул гардидааст.

**Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна** 01 июни соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи зиёи таваллуд шудааст. Солҳои 2017-2009 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №17 – и шаҳри Ваҳдат таҳсил карда, пас аз хатми он ба Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) дохил шуда, онро соли 2013 хатм намудааст. Солҳои 2013-2015 зиннаи магистратураи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода) хатм намудааст.

**Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна** фаъолияти меҳнатиашро дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №17 – шаҳри Ваҳдат оғоз намудааст. Аз соли 2016 то 2021 дар кафедраи забонҳои хориҷии факултети забонҳои хориҷии Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи С.Айнӣ, аз соли 2021 то 2022 дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи

муқоисавии ДДОТ ба номи С Айнӣ фаъолият намудааст. Мирзоалиева Шукрона аз соли 2022 то ҳол дар кафедраи забонҳои романӣ-германии ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода ба ҳайси ассистент кор карда истодааст.

Бо роҳбарии доктори илми филология **Матробиён Саодатшо Қосимзода** дар мавзуи **«Вижагиҳои тарҷумаи соматизмҳо дар матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он)»** ба пажуҳиши илмӣ машғул шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи филологияи англиси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илми филология, дотсент Матробиён Саодатшо Қосимзода.

**Муқарризони расмӣ: Раҳмонова Наргис Шарифовна** - доктори илми филология, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Наҷмиддинов Акбаршоҳ Файзуллоевич**– номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи мутолиоти аврупоии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

Муассисаи пешбар – **Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон** дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи филологияи англис номзади илми филология, дотсент Турсунова Фируза Раҳматҷоновна, эсперт Амлоев Аминҷон Ятимович, котиби илмии ҷаласа Файзулоева Рухшона Ҳусеновна бо имзо ва аз ҷониби ректори ин муассиса, доктори илми иқтисодӣ, профессор Файзулло Машраб Қурбоналӣ тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Мирзоалиева Шукрона кори ба анҷомрасида ва мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифгардида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовор барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, мебошад.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия довталаби дараҷаи илмӣ 9 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин миқдор 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**А) Мақолаҳои зерини муаллиф дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд:**

**[1-М]. Мирзоалиева Ш. Э.** Мавқеи соматизми «даст» дар «Гулистон»-и Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ / Ш. Э. Мирзоалиева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. – № 6 (89). – С. 99 -104. ISSN 2219-5408

**[2-М]. Мирзоалиева Ш. Э.** Мавқеи соматизмҳо дар зарбулмасалҳои англисӣ ва тоҷикӣ / Ш. Э. Мирзоалиева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. – № 1 (90). – С. 73 -76. ISSN 2219540

**[3-М]. Мирзоалиева Ш. Э.** Соматизми "дил" ва мавқеи он дар"Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ / Ш. Э. Мирзоалиева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе 2021. – №3 (92). – С.88-91. ISSN 22195408

**[4-М]. Мирзоалиева Ш. Э.** Вожаҳои соматикии сенсонимӣ дар "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ. / Ш.Э. Мирзоалиева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – №5 (100). – С.65-71. ISSN 2219-5408.

**[5-М]. Матробиён С. Қ.,** Мирзоалиева Ш. Э. Таърихи тарҷумаҳои «Гулистон»-и Саъдӣ. / С. Қ. Матробиён, Ш. Э. Мирзоалиева // Паёми Донишгоҳи забонҳо. –Душанбе, 2023. – № 3 (51) – С.169-174. . ISSN 2226-9356

**Б)Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ ба табъ расидаанд:**

**[6-М]. Мирзоалиева Ш.Э.** Методика преподавание английского языка. / Ш. Э. Мирзоалиева // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2019. – С.112-113.

**[7-М]. Мирзоалиева Ш.Э** Позитивные соматические фразеологические единицы с компонентом "голова" в русском, английском и таджикском языках. / Ш. Э. Мирзоалиева // Саҳми тарҷумонҳои касбӣ дар густариши соҳаи сайёҳӣ (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ). – Душанбе, 2019. – С.181-185.

**[8-М]. Мирзоалиева Ш. Э.** Развитие устной речи иностранных учащихся путём применения фильмов. / Мирзоалиева Ш. Э. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ – Душанбе, 2020. – С. 209-219.

**[9-М]. Мирзоалиева Ш.Э.** Фразеологические единицы английского языка с компонентом соматизмом. Мирзоалиева Ш.Э. Материалы международной научно-практеческой конференции на тему "Восточная филология на перепутье культур и цивилизаций" – Душанбе, 2020. – С. 97-100.

**[10-М]. Мирзоалиева Ш.Э.** Воҳидҳои фразеологӣ бо вожаҳои соматӣ. Мирзоалиева Ш.Э. Маҷмуаи мақолаҳои устодон, докторон ва магистрон "Масъалаҳои мубрами омӯзиши забони тоҷикӣ ва забони хориҷӣ. Душанбе-2020. – С.177-187.

**[11-М]. Мирзоалиева Ш.Э.** Анализ соматических единиц с компонентом HAND/РУКА / Мирзоалиева Ш.Э.// Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ (ДДЗТ ба номи С.Улуғзода). – Душанбе 2021. – С. 151-153.

**[12-М]. Мирзоалиева Ш.Э.** Вместилище чувств: Соматические метафоры в русском и английском языках. Мирзоалиева Ш.Э. Маводи конференсияи байналмиллалии илмӣ - амалӣ . – Душанбе, 2021. – С.240-240.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд**:

1. Тақризи номзади илми филология, ходими калони институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон **Қодирова Салтанат Абдуллоевна** мусбат буда, ба автореферат ду эрод гирифтааст:

А) Дар автореферат хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд. Б). Баъзе аз калимаҳо дар шакли адабӣ оварда нашудаанд

2. Тақризи номзади илми филология, муаллими калони кафедраи методикаи таълими методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров **Раҳимова Тахмина Раҳматовна,** мусбат буда, ба автореферат ду эрод гирифтааст:

А. Хуб мешуд, агар таҳлили корро дар автореферат дар диаграмма ё гистограмма нишон медод.

Б. Дар автореферати диссертатсия камбудиҳои техникӣ дида мешавад.

3.Тақризи номзади илми филология, муаллими калони кафедраи назария ва типологияи забони англиси Донишгохи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Фатҳуллоев Икромуддин Бароталиевич мусбат буда, ба автореферат ду эрод гирифтааст.

1.Дар аксарияти саҳифаҳо номгуи адабиёт дар дохили қавси муқарарӣ омадааст.

2. Дар автореферати рисола хатогихои услубию имлоӣ ба назар мерасанд ва манзалати корро коста намекунанд.

4. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгохи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ Каримова Дилафрӯз Насибовна мусбат буда, ба автореферати диссертатсия ду эрод гирифтааст:

1. Дар фасли сеюми боби сеюм зоосоматизмҳо дар таркибиибораҳои чашми хурӯс, паланги тездандон, чашми шаппара, чашми мушаки кӯр, даҳони аждарҳо,даҳони шеру паланг ва ғайра мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Агар мисолҳо бисёр оварда мешуд, кор рангди дигар мегирифт.

2. Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техники ба чашм мерасанд;

Муқарризон дар баробари муайян намудани баъзе эроду норасоиҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳамияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии рисолаи илмӣ, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор донистаанд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти мукаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегарданд, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

**Шурои диссертатсионӣ** қайд мекунад, ки диссертатсияи **Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна дар мавзуи «Вижагиҳои тарҷумаи соматизмҳо дар матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он)»** ба яке аз мавзӯҳои муҳимми забоншиносӣ бахшида шуда, таҳлилу баррасӣ гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Бори нахуст пажуҳиши муқоисавии вижагиҳои соматизмҳо дар тасвири забонии тоҷикон ва англисзабонҳо бар мабнои «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он анҷом дода шуд.

Дар диссертатсия бори нахуст аз нуқтаи назари забоншиносии муқоисавӣ тарҷумаи англисии соматизмҳо дар «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ аз диди илми тарҷумашиносӣ ва забоншиносӣ таҳлил ва мавриди омӯзиши муқоисавӣ қарор гирифтанд. Ҳамзамон, ба таври системавӣ ва оморӣ соматизмҳое, ки дар «Гулистон»-и С. Шерозӣ истифода шудаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифта, вижагиҳои тарҷумавӣ, фарҳангӣ ва равонии онҳо ошкор карда шуданд. Инчунин, мавқеи соматизмҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳои «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ таҳқиқ шуда, равишу усулҳои тарҷумаи онҳо арзёбӣ гардиданд. Дар баробари ин, тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон ва англисзабонҳо дар асоси соматимзҳо муқоиса гардида, хусусиятҳои умумӣ ва хоси онҳо ошкор карда шуданд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки диссертатсияи мазкур метавонад барои корҳои пажуҳишии минбаъда дар соҳаҳои забоншиносии шинохтӣ, фарҳангӣ, равонӣ ва муқоисавӣ, инчунин тарҷумашиносӣ мусоидат кунад.

Натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли як қатор масъалаҳои амалӣ ва назариявии самтҳои мазкур метавонанд истифода шаванд ва ҳамчун асос ва замина барои таҳқиқотҳои минбаъдаи илмию назариявии онҳо хидмат намоянд. Ҳамзамон, ҷиҳати шинохти тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон ва дар муқоиса бо англисзабонон заминаи хубе хоҳад шуд. Вижагиҳои умумӣ ва хоси тарҷумаи соматизмҳо дар «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ имкон медиҳанд, ки ин мавзуъ минбаъд ҳамаҷониба омӯхта шавад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун мавод дар пажӯҳишҳои оянда метавон истифода бурд ва дар таҳлили муқоисавии асарҳои бадеӣ ҳамчун маъхаз истифода кард. Арзиши амалии ин кор дар он

аст, ки дар омӯзиши тарҷумаҳои англисии «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ҳамчун дастур метавон онро истифода кард. Ҳамчунин, маводи диссератсияро метавон ҳангоми тадриси фанҳои назария ва амлияи тарҷума ва тарҷумашиносӣ барои донишҷӯён истифода намуд. Ҳамзамон, ҳамчун маълумот барои муҳаққиқон ва ҳаводорони «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ арзиши амалиро доро мебошад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот.** Диссератсия дар асоси маъхазҳои муътамади илмӣ ва сарчашмаҳои дақиқ, ки дар феҳристи адабиёт дарҷ гардидаанд, рӯйи кор омада, дар иртибот ба онҳо ҳадаф ва вазифаҳои гузоштташуда таҳлилу баррасӣ гардиданд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Пажуҳиши муқоисавии мукаммали соматизмҳо «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он дар робита ба тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон ва англисзабонҳо бори нахуст дар шакли диссертатсия ба анҷом расидааст Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд.
Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 09 марти соли 2024, № 6 дар бораи ба Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021302 Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, ки аз инҳо 3 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Дар овоздиҳӣ аз 11 нафар аъзои ба ҳайати Шурои диссертатсионӣ шомилбуда, 10 нафар овоз доданд: тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои
диссертатсионӣ, профессор Турсунов Ф.М.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, дотсент Ҳасанова Ш. Р.

09.03.2024с.